# ВИЛОДАТИ ҲАЗРАТИ МАҲДӢ ДАР ЭЪТИРОФИ АҲЛИ СУННАТ

**Илёс Қосимов**

## Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

## Муқаддима:

Бо ному ёди Худованди Меҳрубон. Исломи азиз баъд аз Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дувоздаҳ раҳбар ва ҳуҷҷатҳои худро ба мусулмонон ваъда карда аст, ки онҳо баъд аз Паёмбари Гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** яке пас аз дигарӣ идораи умури мусулмононро бар ўҳда мегиранд. Ва ҳадисе, ки дар ин маврид ворид шуда аст дар ҳадди тавотур аст, ки мо фақат ба он ишора мекунем:

Абдуллоҳ ибни Масъуд мегўяд:

**قال رسول الله صلّى الله عليه وآله: الخلفاء بعدي إثنا عشر كعدد نقباء بني إسرائيل.**

Паёмбари Гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Хулафо ва ҷонишинони ман баъд аз ман дувоздаҳ нафаранд ба адади пешвоёни бани Исроил".

Ҳазрат дар ҳадиси дигар фармуданд:

"لا يزال هذا الدّين عزيزاً منيعاً إلى إثنا عشر خليفة ثمَّ قال كلمةً لم أفهمها فقلْتُ لأبي: ما قال: قال كلُّهم من قريش."

"Пайваста ин дин азизу тавоно ва арҷманд хоҳад буд модоме, ки дувоздаҳ нафар раҳбарияти ин умматро ба ӯҳда дошта бошанд ва сипас калимае фармуданд, ки ман нафаҳмидам, аз падарам пурсидам, ки дар охир чӣ фармуданд? Гуфт: Фармуданд: Ҳамаи он дувоздаҳ нафар аз Қурайш хоҳанд буд".

Ин ҳадисро Ибни Масъуд, Ҷобир ибни Самура бо 36 санад, Ибни Умар, Авн ибни Ҷуҳайфа, Абдуллоҳ ибни Амр ва Анас аз Паёмбари Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ривоят кардаанд. Ин ҳадис аз аҳодиси мутавотир аст, ки мо фақат ба баъзе аз ровиёни он дар ин ҷо ишора мекунем.[1]

Масъалаи ҷонишинии паёмбарон аз масъалаҳоест, ки дар таърих мусаллам мебошад, ки

---

[1]. Саҳеҳи Муслим ҷ 3, с 1452, р 1820-1821. Муснади Аҳмад, ҷ 1, с 398, р 3781, ва Аҳмади Ҳанбал аз Ҷобир дар Муснадаш бо 34 санади дигар ин ҳадисро ривоят кардааст ҷ.5. саҳ.86 то 108. Сунани Абӯдовуд ҷ.4. саҳ.106. р.4279. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.15. саҳ.43. р.6661-6662. Мустадраки Ҳоким ҷ.3. саҳ.618. р.6587-6589. "Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.7. саҳ.242.

ҳеҷ паёмбаре бидуни ин ки раҳбар ва ҷонишини баъд аз худро барои умматонаш муаррифӣ кунад, аз дунё нарафта аст ва ҳамаи онҳо васӣ ва ҷонишин доштаанд, ки Қуръон, низ ба хеле аз онҳо ишора кардааст. Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** низ барои баъд аз худ ҷонишинонеро аз ҷониби Худованди Мутаол муаррифӣ фармудаанд.

Ҳадиси аввал, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд нақл карда аст, ки раҳбарони ин уммат баъд аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ба монанди раҳбарони Бани Исроил 12 нафаранд, чизест, ки Қуръони Карим дар ояти зер ба он ишора карда аст, он ҷо ки мефармояд:

**" بعثنا منهم إثني عشر نقيبا" مائده ١٢.**

"Мо аз Бани Исроил 12 пешво ва раҳбар баргузидем". Сураи Моида, ояи 12 .

Ва бинобар эътирофи донишмандони аҳли суннат монанди Ибни Касир ва Ибни Таймия, ки баъдан хоҳад омад, Таврот низ аз ин ҷонишинони Паёмбари Гиромӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** хабар дода ва ҳатто онҳоро ном бурда аст. Аҳли суннат дар мавриди ин ки ин дувоздаҳ халифа чӣ касоне ҳастанд байни худ ихтилофи зиёд доранд ва ба як назар нарасидаанд. Илова бар он, хеле аз хулафое, ки онҳо мешуморанд фосиқ ва золим буданд, ки

таърих онро сабт кардааст. Илова бар ин ҳамаи уламои аҳли суннат, ки дар ин бора назар додаанд Муовияро, низ ҷузви ин 12 халифа ҳисоб кардаанд ва ин дар ҳоле аст, ки худи Муовия ва уламои аҳли суннат таъкид ва эътироф кардаанд, ки Муовия халифа набуда аст, балки подшоҳ буда аст.[1] Бо вуҷуди ин ихтилофоте, ки худи уламои аҳли суннат дар бораи кӣ будани 12 халифа доранд,[2] ҳеҷ далели шаръӣ, низ ба он даъвои худ надоранд. Дар муқобил пайравони мактаби Аҳли Байт мегӯянд:

Ин 12 халифа аз хонадони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мебошанд, ки аввали онҳо Алӣ ибни Абӯтолиб ва охирашон ҳазрати Маҳдӣ **алайҳиссалом** ҳастанд ва ба ин назарияи худ далоили фаровон ҳатто аз китобҳои ҳадисии худи аҳли суннат доранд, ки баъдан ишорае ба баъзеи онҳо хоҳем дошт, ва ҳамчунин дар ин ақида иттифоқи назар доранд.

Аммо дар бораи ҷойгоҳи олӣ ва бузурги 11 имоми аввал, ки мавриди иттифоқи пайравони

---

1-"Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.8. саҳ.238 ва дигарон.

2-Назароти уламои аҳли суннатро мо дар китоби "Роҳи наҷот" муфассал мавриди баррасӣ қарор додаем, ки барои ошноӣ метавон ба он китоб муроҷиат намуд.

мактаби Аҳли Байт **алайҳимус салом** аст, аҳли суннат иттифоқ доранд ва хеле онҳоро сутудаанд, ки мо фақат сухани Заҳабиро барои ошноии хонандагон дар ин маврид меоварем:

**...فمولانا الامام علي: من الخلفاء الراشدين، المشهود لهم بالجنة رضي الله عنه نحبه أشد الحب، ولا ندعي عصمته، ولا عصمة أبي بكر الصديق. وابناه الحسن والحسين: فسبطا رسول الله صلى الله عليه وسلم وسيدا شباب أهل الجنة، لو استخلفا لكانا أهلا لذلك. وزين العابدين: كبير القدر، من سادة العلماء العاملين، يصلح للامامة، وله نظراء، وغيره أكثر فتوى منه، وأكثر رواية. وكذلك ابنه أبو جعفر الباقر: سيد، إمام، فقيه، يصلح للخلافة. وكذا ولده جعفر الصادق: كبير الشأن، من أئمة العلم، كان أولى بالامر من أبي جعفر المنصور. وكان ولده موسى: كبير القدر، جيد العلم، أولى بالخلافة من هارون، وله نظراء في الشرف والفضل. وابنه علي بن موسى الرضا: كبير الشأن، له علم وبيان، ووقع في النفوس، صيره المأمون ولي عهده لجلالته. وابنه محمد الجواد: من سادة قومه، لم يبلغ رتبة آبائه في العلم والفقه. وكذلك ولده الملقب بالهادي: شريف جليل. وكذلك ابنه الحسن بن علي العسكري. رحمهم الله تعالى.**

Заҳабӣ мегӯяд: "...пас мавлоямон Имом Алӣ, аз хулафои рошидине аст, ки башорати биҳишт ба онҳо дода шудааст. Ӯро хеле дӯст медорем вале ӯро маъсум намедонем ва на Абӯбакрро. Ва ду фарзандаш Ҳасану Ҳусайн набераҳои Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** сарвари

ҷавонони аҳли биҳиштанд. Ва агар халифа мешуданд шоистаи он мақом буданд. Ва Зайнулобидин (Алӣ ибни Ҳусайн) бузургманзалат ва сарвари олимони амалкунанда, шоистаи имомат буд ва ӯро монандҳое буданд ва ғайри ӯ фатво ва ривояташон бештар аз ӯст. Ҳамчунин писараш Абӯҷаъфари Боқир (Муҳаммад ибни Алӣ), саййид, имом, фақеҳ ва барои хилофат шоиста буд. Ва ҳамчунин писараш Ҷаъфари Содиқ, бузургманзалат, аз имомони илм ва бар хилофат сазовортар аз Мансур (халифа вақт) буд. Писараш Мӯсо бузургманзалат, соҳиби илми хеле хуб ва ба хилофат сазовортар аз Ҳорун (халифаи вақт) буд, ӯ дар шараф ва фазл ҳамонандҳое дошт. Писараш Алӣ ибни Мӯсо, (Имом) Ризо бузургманзалат, дорои илм ва баён буд ва дар қалбҳои инсонҳо ҷой гирифт ва ба хотири бузургӣ ва ҷалолаташ Маъмун (халифаи вақт) ӯро валии аҳди худ қарор дод. Ва писараш Муҳаммади Ҷавод аз сарварони қавмаш буд ва дар илму фиқҳ дар мартабаи падаронаш набуд ва ҳамчунин писараш мулаққаб ба Ҳодӣ (Алӣ ибни Муҳаммад) бошараф ба ҷалилулқадр буд ва ҳамчунин писараш Ҳасан ибни Алии Аскарӣ, ки Худо ҳамаи онҳоро раҳмат кунад".[1]

[1]-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.13. саҳ.120. р.60.